## Тақризи

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидзода Баҳрулло Хол дар мавзӯи «Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумхурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300–Психология**

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.**

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода Баҳрулло Хол бешубҳа мубрам буда, ба яке аз масъалаҳои замонавӣ, яъне ба таҳқиқи амали худкушии наврасону навҷавонон бахшида шудааст. Аз солҳои 90-ум ин ҷониб амали худкушӣ дар ҷомеаи ҷаҳони рӯ ба инкишоф аст. Аз ин лиҳоз, Созмону Ташкилотҳои байналмилалӣ ва мақомотҳои дахлдори ҳар як давлатро масъалаи худкушӣ ба ташвиш оварда, барои коҳиш додани ин амали номатлуб чораҳои заруриандешида истодаанд. Воқеан ҳам худкушӣ ҳамчун вабои аср дар ҷаҳон дониста шудааст. Бинобар ин, ҳар як фарди ҷомеаи ҷаҳониро зарур аст, ки барои пешгирии ин хатари марговар саҳми худро гузорад. Чуноне ки дар адабиёти илмӣ зикр гардидааст, худкушӣ дар қатори террор ва ҷанг инсонҳоро аз ҳаёт маҳрум мекунад.

Масъалаи мазкур дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз мавзӯъҳои матраҳшавандаи имрӯзи ҷомеа ба шумор меравад. Зеро шумораи худкушиҳо сол то сол рӯ ба инкишоф аст, ки ин ҳам бошад аз тарафи наврасону ҷавонон мебошад Чуноне, ки Прокурори генералӣ Раҳмон Юсуф Аҳмадзод дар ҳисоботи солонааш дар назди Маҷлиси миллӣ зикр намуд, ки ҳодисаҳои худкушӣ аз тарафи шаҳрвандони синну соли гуногуни кишварамон зиёд шуда истодааст. Ӯ ёдрас кард, ки тибқи омори дар дастдошта, нисбат ба соли 2018-ум 51 ҳодисаи худкушӣ зиёд ба қайд гирифта шудааст.

Бояд қайд кард, ки масъалаи худкушӣ ҳамаҷониба аз назари илмӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

Ин бемории сироятӣ ҳамчун масъалаи ҳалталаб ба шумор рафта, ҷомеа ва муттахассисони соҳа набояд бетарафӣ намоянд.

Аз ин рӯ, ошкор намудани сабабу омилҳои ба амали худкушӣ мусоидаткунанда дар таҳқиқоти диссертант ва тавсияву пешниҳодҳои ӯ на танҳо ба коҳиш додани амали худкушӣ миёни наврасону навҷавонон, балки дар калонсолон низ нақши калон мебозад.

Муҳақиқ такя ба консепсияи психологӣ намуда, қайд менамояд, ки зарарро ба некуаҳволии наврасону ҷавонон метавонанд осебҳои психикӣ, паст задани шахсият, зӯровариҳои байнишахсӣ, аз дастдиҳии шахси наздик, зӯроварӣ дар оила, азиятдиҳии мақсаднок ва дигар омилҳои психологӣ шахсро ба худкушӣ бурда мерасонад. Диссертант таъкид мекунад, ки сохти психологии фардии шахс барои анҷом додани амали худкушӣ аҳамияти хосро соҳиб аст. Чунки омилҳои номбурда дар вазъиятҳои мухталиф ҳар як нафарро мубталои худ мегардонад, аммо на ҳама рафтори аутоагресивӣ мекунанд. Вобаста ба фикрҳои фавқуззикр, ба сифати рисолаи илмӣ интихоб намудани мавзӯи “Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” аз ҷониби Саидзода Баҳрулло Хол бамаврид мебошад. Диссертант баён мекунад: “Ҳангоми омӯзишу баррасии мавзӯи таҳқиқотӣ чи дар қисми назариявӣ ва чи дар қисми амалӣ, бештар ба консепсияи психологӣ диққати махсус дода шуд. Дар ташаккули шахсияти нафарони майл ба худкушидошта нақши асосиро консепсияи психологӣ ишғол менамояд ва ҳамчун омили психологӣ зуҳур мекунад. Дар зери таъсири омилҳои психологӣ дар шахсияти худкушанда тағйирот ба амал омада, шахс гирифтори вайроншавиҳои психофизиологии системаи асаб мешавад ва дар ин замина ӯ худкушӣ мекунад.”

Диссертант таъкид мекунад, ки дар зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва амсоли инҳо, шахс ба мушкилоти психологӣ дучор шуда, гирифтори бемориҳои психикию ҳолатҳои вазнини рӯҳи мегардад. Чунин вазъият сабаби бевоситаи пайдошавии майли худкушӣ ё даст ба худкушӣ задани инсонҳо мегардад. Яъне, омили асосии ба вуҷудоварандаи

майли худкушӣ ё такондиҳандаи шахс ба амали худкушӣ маҳз омилҳои психологӣ маҳсуб меёбанд. Чи тавре ки диссертант қайд менамояд, омӯзиши хусусиятҳои психологии шахсони майли худкушидошта ё қасди худкушикарда, ки амалашон анҷом наёфтааст, масъалаи воқеан ҳам мубрам маҳсуб меёбад.

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, шаш параграф, хулоса, рӯйихати адабиёти истифодашуда ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима сохтори диссертатсия дуруст ҷобаҷогузорӣ карда шудааст, ки ин яке аз талаботи аввалиндараҷа ҳангоми навиштани диссертатсия маҳсуб меёбад

**Боби якуми диссертатсияро** "Тавсифи назариявии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта" дар бар мегирад. Боби мазкур аз се параграф иборат буда, мазмуну муҳтавои параграфҳо ба омӯзишу баррасӣ ва таҳлилу муқоисаи назарияҳо, ки ба сабабу омили амали худкушии наврасону навҷавонон ва умуман инсонҳо бахшида шудааст.

**Дар боби дуюми диссертатсияи** мазкур "Тадқиқи амалии хусусиятҳои психологии наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта" матраҳ мешавад. Боби дуюмро низ се параграф ташкил медиҳад, ки ба пуррагӣ қисмати амалии таҳқиқиқоти диссертатсиониро дар бар мегирад. Дар ин боб диссертант ба интихоби методикаҳои дар таҳқиқот истифода шаванда ва мутобиқ намудани онҳо ба шароиту маданияти хоси тоҷикона кор намудааст. Инчунин, барои омӯзиш ва ошкор намудани хусусиятҳои фардӣ-психологии наврасону навҷавонони майли худкушидошта озмоишро ба роҳ мондааст, ки дар асоси гуфтаҳои боло диссертант хулосаи анҷомдодашудаи таҳқиқотро ба даст овардааст.

**Дараҷаи асосноккунии нуқтаҳои илмӣ.**

Аз ҷониби диссертант ба таври муфассал корҳои илмии психологҳо, файласуфон ва дигар муҳаққиқони равияҳои илмӣ омӯхта шудааст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ заминаи назариявӣ ва амалӣ гузоштааст. Дар

баробари ин диссертант тест ва методикаҳоеро барои ошкор намудани хусусиятҳои фардӣ-психологии озмудашавандагон истифода намудааст, ки ҳақиқатан ҳам методикаҳо барои ошкор намудани хусусиятҳои фардии шахс дар илми психология шинохта шудаанд.

Диссертант натиҷаҳои тадқиқотро хуб таҳлилу таҷзия намуда, нуктаи назари илман асосноки худро пешниҳод намудааст, ки ба ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами асосҳои назариявӣ ва амалии худкушӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин дастоварди илмӣ мебошад. Аз ин нуктаи назар, асосҳои методологӣ ва назариявии тадқиқоти Саидзода Баҳрулло Хол боварибахш мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.**

Таҳққиқотчӣ як қатор хусусиятҳои хоси наврасону навҷавонони майли худкушидоштаро ошкор намудааст, ки дар қатори навгониҳои таҳқиқот шомил мешаванд:

- хусусиятҳои синнусолӣ ва гендерии шахсони майл ба худкушидошта ошкор карда шудаанд;

- Хусусиятҳои характерологии наврасону навҷавонон дар баробари ҳолати афсурдагӣ, изтиробнокӣ, хусусиятҳои эмотсионалӣ ва типи мизоҷ метавонанд сабаби асосии даст ба худкушӣ шавад;

- дар чорчӯбаи имконоти методологӣ таҳқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст;

- аввалин бор мутобиқ намудани тестҳои психологиро бо назардошти талаботи психометрикӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон диссертант рӯи кор овардааст;

Дар баробари навгониҳои зикрнамуда, муҳаққиқ як қатор навгониҳои дигарро ҳангоми таҳқиқи мавзӯи мазкур ба даст овардааст, ки аҳамияти илмию методологӣ доранд.

**Арзиши назариявӣ ва амалии таҳқиқот.**

Ҳангоми омӯзишу баррасии мавзӯи таҳқиқотӣ чӣ дар қисми назариявӣ ва чӣ дар қисми амалӣ, диссертант бештар ба консепсияи психологӣ ва

натиҷаҳои тестҳое, ки дар омӯзиши хусусиятҳои фардӣ-психологии наврасону навҷавонон ба даст овардааст, диққати махсус додааст.

Омӯзиш ва таҳлили нуктаҳои асосии диссертатсия далолат аз он мекунанд, ки натиҷаҳои бадастовардаи диссертант метавонанд барои таҳқиқоти минбаъдаи масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои фардӣ-психологии наврасону навҷавонон ва таҳқиқотҳои сотсиологӣ ба сифати пойгоҳи назариявию амалӣ хизмат намоянд.

Ба қимати муҳими диссертатсия на танҳо баёни мантиқии фикр, забони фасеҳи диссертатсия ва ақидаҳои асосноки диссертантро мансуб донистан мумкин аст, балки пешниҳодҳое, ки аз тарафи ӯ зикр гаштааст, ҳар кадоми онҳо метавонанд ба сифати дастовардаҳои нави илмӣ дар соҳаи илми психология хизмат намоянд.

Диссертант дар рафти таҳқиқот оид ба масъалаи муайян намудани хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони синни 12-18-солаи майл ба худкушидошта дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабу омилҳои хосро ошкор намудааст. Дар ин замина барои пешгирӣ намудан ва коҳиш додани амали худкушӣ миёни наврасону навҷавонон тавсияҳои арзишманд ба омӯзгорону волидон пешниҳод намудааст, ки ин ягона иттиллоот ба забони тоҷикӣ мебошад. Инчунин, барои психологҳо, педагогҳо ва сотсиологҳо, таҳқиқоти диссертатсионӣ дастури амали илмӣ-методи маҳсуб меёбад.

Дар баробари натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои назарраси диссертант, ба этибор гирифтани камбудии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд, ки онҳоро зикр менамоем:

1. Хуб мешуд агар диссертант ҳангоми таҳқиқи масъалаи худкушӣ на ба шахсияти наврасону навҷавонон, балки ба шахсияти худкушандаҳо таваҷҷуҳ мекард.

2. Агар диссертант дар озмудашавандагон тестҳои лоиҳавиеро истифода менамуд, ки дараҷаи IQ онҳоро ошкор мекард, дар ин замина яке аз хусусиятҳои фардӣ муаян карда мешуд.

Ногуфта намонад, ки камбудиҳои номбурда характери тавсиявӣ дошта, ба қимати баланди таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ намерасонанд.

Диссертатсия ва автореферат ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ аст. Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии рисоларо дар бар мегирад. Инчунин, мақолаҳои диссертант дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки КОА-и назди Президент Ҷумҳурии Тоҷикистон этироф ва тавсия намудааст, рӯи чоп омадааст.

Дар асоси гуфтаҳои боло диссертатсияи Саидзода Бахрулло Хол дар мавзӯи "Тадқиқи хусусиятҳои психологии шахсияти наврасону навҷавонони майл ба худкушидошта (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" таҳқиқоти ба анҷомрасида ҳисобида мешавад. Диссертатсияи мазкур ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 14 ва 16-и тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Диссертант Саидзода Баҳрулло Хол барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050300 – Психология сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ: номзади илмҳои
психологӣ, дотсенти кафедраи
психологияи умумии ДДХ ба
номи академик Б. Ғафуров Мингбоев А.Ю.

Индекс ва суроға: 735700. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Хучанд, кӯчаи Мавлонбеков 1.
Тел: (+992) 927683484
e-mail: dekanat.dekanat@mail.ru

Имзои н.и.п. Мингбоев Абдуворис
Юзбоевичро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров Ашрапова З.